## ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзӯи “Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии муздноки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

аз 5 июни соли 2024.

Бояд қайд намуд, ки воситаҳои танзими ҳуқуқи маданӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои рушди стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим доранд. Яке аз чунин воситаҳо шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ мебошад. Ҳамчун мавзӯи алоҳида хизматрасонии зикршуда дар моддаи 860 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, № 1918, муқаррар гардидааст. Вале дигар унсурҳои ин шартнома дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра муайян ва такмил дода нашудаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти мазкур муҳим буда, пеш аз ҳама барои такмили танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии муздноки байторӣ равона шудааст.

Диссертатсияи мазкур аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва рӯйхати интишороти унвонҷӯй аз рӯйи мавзуи диссертатсия мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия маълумоти мушаххас дар бораи мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ ва дигар бахшҳои тавсияшавандаи сохтори чунин асарҳои илмиро дорад.

Боби якуми он “Моҳияти ҳуқуқии хизматрасонии муздноки байторӣ дар танзими ҳуқуқи маданӣ” ном дорад ва аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми он мафҳум ва аломатҳои хизматрасонии

муздноки байторӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи маданӣ мавриди таҳлил ва хулосабарой гардидааст. Ба андешаи унвончуй хизматрасонии байторӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи маданӣ чунин муносибатҳои ҷамъиятиеро дар бар мегирад, ки хусусияти молумулкӣ дошта, ба баробарии тарафҳо, озодии ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокчиёнашон асос ёфтааст. Дар он фаъолияти байторӣ дар самти қонеънамоии эҳтиёҷоти соҳибони ҳайвонот, инчунин шахсони дигаре, ки ба ин хизмат зарурат доранд, нигаронида шудааст. Хизматрасонии байторӣ дар ҳуқуқи маданӣ – ин фаъолияти иҷрокунанда мебошад, ки хизмати байториро ба фармоишгар дар намуд, сифати муқарраргардида ва ҳаҷми муайян мерасонад. Ин фаъолияти касбии шахсони ҳуқуқӣ ва ё соҳибкорони инфиродӣ мебошад, ки дар асоси иҷозатнома амалӣ шуда, ба фармоишгарон хизмати зикршуда дар намуд ва ҳаҷми муайян тибқи шартнома расонида мешавад.

Дар зербоби дуюмаш асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ шудааст. Оид ба масъалаи иброзшуда, муаллиф андеша дорад, ки асосҳои ҳуқуқии хизматрасонии байторӣ – низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими фаъолияти байторӣ мебошад, ки аз қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иборат аст. Бо мақсади равшан ва васеъ таҳқиқ ва таҳлил намудани қонунгузории байторӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихи тоҷикон даврабандӣ шудааст. Даврабандии ташаккул ва инкишофи қонунгузории байторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хусусиятҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои марбут ба фаъолияти байториро танзим менамоянд, танзими давлатии фаъолияти байторӣ, намудҳои фаъолияти байторӣ ва нишонаҳои тамаддунсозии он, диққати асосӣ дода шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ мавриди таҳқиқот гардидааст. Дар зербоби якуми он мафҳум ва аломатҳои шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ, дар зербоби дуюмаш мазмуни шартномаи хизматрасонии муздноки байторӣ ва дар

зербоби сеюмаш асосҳои бастан, тағйир додан ва бекор намудан шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ пурра ва асоснок таҳлил шудаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки шартнома хизматрасонии музднoки байторӣ иҷрокунанда (соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқие, ки хизматрасонии байториро мерасонад) уҳдадор мешавад, ки хизмати байториро дар ҳаҷм, сифати муқарраршуда ва намуди муайяншуда расонад ва фармоишгар (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба хизмати байторӣ эҳтиёҷ дорад) уҳдадор мешавад, ки барои расонидаи хизмат мусоидат намояд ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома музди хизматро пардохт намояд.

Ба сифати тарафҳои ин шартнома иҷрокунанда ва фармоишгар баромад мекунанд. Иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои байторӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ мебошанд. Ташкилотҳои байтории давлатӣ ва хусусӣ фаъолият менамоянд. Ташкилотҳои байтории давлатӣ – ташкилотҳое мебошанд, ки дар асоси молу мулки давлатӣ фаъолият намуда, тобеи мақомоти ҳокимияти иҷроия – Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Ба ташкилотҳои байтории хусусӣ ҳамон хизматгузороне дохил мешаванд, ки дар заминаи молу мулки хусусӣ фаъолияти касбиро анҷом медиҳанд. Шахсони воқеӣ, ки маълумоти таҳсилоти олӣ ё миёнаи байторӣ ва иҷозатнома барои фаъолияти хусусии байториро доранд, ҳамчун соҳибкори инфиродӣ сабти ном шудаанд, метавонанд иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ бошанд. Барои он ки ташкилоти байторӣ ё соҳибкори инфиродӣ фаъолияти байториро амалӣ намояд, ҳамчун тараф дар ин шартнома иштирок намуда, бояд иҷозатнома дошта бошад. Тарафи дуюм тибқи шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ, фармоишгар мебошад. Ба сифати фармоишгар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ иштирок карда метавонанд, ки ба хизмати болозикр эҳтиёҷманд мебошанд.

Мавзуи шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ - хизматрасонии байторӣ мебошад, ки дар содир намудани амали муайян ва ё иҷрои фаъолияти муайян аз ҷониби иҷрокунанда (байтор ё ташкилоти байторӣ) ифода ёфта, бахри пешгирии бемории ҳайвонот, табобати ҳайвоноти бемор, ташхиси маҳсулоти ҳайвонот ва дигар намудҳои хизматрасонии байторӣ равона шудааст.

Мазмуни шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ аз фаҳмиши ҳуқуқии он вобастагӣ дорад. Масалан, вақте ки ин шартнома ҳамчун факти ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, мазмуни онро шартҳои шартнома ташкил медиҳанд. Вақте ки шартнома ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, мазмуни онро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои шартнома ташкил медиҳанд. Вақте ки шартнома ҳамчун ҳуҷҷати танзими инфиродӣ фаҳмида мешавад, мазмуни онро бандҳои шартнома ташкил медиҳанд.

Дар боби сеюми диссертатсия масъалаҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ таҳлил шудааст. Дар зербоби якумаш моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ ва дар зербоби дуюмаш нақши ҷуброни зиён, товони зарари маънавӣ ва ноустуворона дар шартномаи хизматрасонии музднoки байторӣ пурра ва бо истифодаи амалияи судӣ таҳлил шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия маҳсули фаъолияти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои судманд оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудааст.

Ҳамин тавр, аз ҷониби унвонҷӯй талаботҳои ҳатмӣ оид оид ба одоби илмӣ, аслияти асари илмӣ, риояи шиносномаи ихтисос ва риояи қоидаҳои овардани иқтибосҳо иҷро карда гардидааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда илман асоснок буда, сатҳи баланди навгонӣ дошта ва истифодаи амалии онҳо барои рушди илми

ҳуқуқи маданӣ, такмили қонунгузорӣ ва таълимот дар мактабҳои олии ҳуқуқшиносӣ замина мегузорад.

Автореферати диссертатсия ба мазмуни он пурра мутобиқат дорад.

**Ҳамин тавр, мо чунин хулоса намудем:**

Диссертатсияи унвонҷӯй – Мирзомуродзода Дустмурод Гулмурод дар мавзуи “Масъалаҳои танзими ҳуқуқи мадании хизматрасонии музднoки байторӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад, унвонҷӯй арзандаи дараҷаи илмии дархостшуда мебошад.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон: Ғаюрзода Ш. К.

Имзоҳои Ғаюрзода Ш. К – ро тасдиқ
мекунам. Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э. Ш.
05. 06. 2024

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ-17;
734025; Телефон: (+992 -37) 93 510 38 62
E-mail: shukrullo67@mail.ru